«Тасдиқ менамоям»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
профессор Ҷӯразода Ҷ. Ҳ.
_______________
«___» ___________ соли 2020

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИКИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИКИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ҒАФУРОВ»

Диссертатсияи Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна тахти унвони «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик» (дар мисоли образи Темурмалик) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ба анҷом расидааст.

Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна соли 2011 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Аз соли 2011 то имрӯз дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ҳамчун сармуаллима кору фаъолият дорад. Солҳои 2016-2018 дар шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро таҳсил намуда, аспиранти кафедраи адабиёти муосири тоҷик буд.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Мирзоюнус Матлуба.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик» (дар мисоли образи Темурмалик) чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи аслии таҳқиқотро коркарди бадеии симои шахсияти таърихӣ ташкил дода, ин масъала дар мисоли образи Темурмалик мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Вобаста ба ин, дар диссертатсия масъалаҳои арзиши образи бадеии таърихӣ ва рушди он дар адабиёти муосир, офариниши симои адибони номвар, симои мардони мубориз дар адабиёти тоҷик, дараҷаи инъикоси образи Темурмалик дар адабиёти бадеӣ, арзиш ва вижагиҳои осори адабию бадеии марбут ба Темурмалик, дараҷаи баҳрабардории шоирону нависандагон аз корномаҳои Темурмалик ва инъикоси он дар адабиёт бунёди пажӯҳишро ташкил додааст.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шуданд:

- баррасии заминаҳои пайдоиш ва ташаккули симои бадеии шахсиятҳои таърихӣ дар адабиёти тоҷик;
- муайян намудани арзиши образҳои бадеии таърихӣ ва таъсири он ба рушди адабиёти бадеӣ;
- муайян намудани заминаҳои фикрии нависандагон ва ҷойгоҳи асноду далелҳои таърихӣ дар офаридани симои бадеии шахсиятҳои таърихӣ;
- таҳқиқи симои бадеии Темурмалик дар осори ҳамосии тоҷик, аз ҷумла, дар "Достони Темурмалик"-и Муставфӣ, очерки таърихию бадеии "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик"-и Садриддин Айнӣ, повести "Темурмалик"-и Маҷид Салим", "Нигина ва Мирмалик"-и Додохони Эгамзод;
- таҳқиқи симои Темурмалик дар осори драмавии Сотим Улуғзода, Муҳиддин Хоҷазод ва Меҳмон Бахтӣ;
- муайян намудани дараҷаи баҳрабардории шоирони муосири тоҷик аз корномаҳои Темурмалик ва таҷассуми симои ӯ дар жанрҳои гиноии адабиёти тоҷик;
- муайян намудани арзиши адабии осори адабиёти ҷаҳон дар офаридани симои бадеии Темурмалик.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия асосан усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ, татбиқӣ ба кор рафтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола аввалин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи коркарди симои бадеии шахсияти таърихии Темурмалик, таҳаввули образ ва таҷассуми он дар ҳикояву очерк, повесту роман, шеъру достон ва осори драмавӣ сурат гирифтааст. Муаллиф таҳаввули образи бадеии шахсияти таърихӣ, мақом, арзишу аҳамият ва ҷойгоҳи осори бадеии марбут ба корнамоиҳои Темурмаликро дар қиёс бо осори таърихӣ дар заминаи ҷинсҳо ва анвои мухталифи адабӣ, ғояи адабӣ ва сабки нигориши онҳо муайян намудааст.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Арзиши назарии диссертатсия дар он аст, ки муаллиф заминаҳо ва назарияи табдил ёфтани симои шахсияти воқеиро ба образи бадеӣ ва таносуби воқеияти таърихиро бо таҷассуми бадеии он таҳқиқ намудааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаи рисоларо метавон барои навиштани асарҳои ҷомеи таърихи адабиёти муосири тоҷик истифода намуд. Ҳамзамон, мумкин аст, ки аз маводи диссертатсия дар ҷараёни таҳияи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва миёнаи махсус, таълими фанни «Таърихи адабиёти муосири тоҷик» дар факултетҳои филологӣ, таълифи асарҳои илмию таҳқиқӣ, дар заминаи таърихи адабиётнависӣ, рисолаҳои магистрӣ ва поённомаҳо истифода бурда шавад.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

–Муайян кардани вобастагии инъикоси симои шахсиятҳои таърихӣ ба дигаргуниҳои замон ва такомули масоили худогоҳӣ;

–Рушди осори таърихӣ ва ҷойгоҳи Темурмалик дар он;

–Баррасии осори марбут ба Темурмалик аз назари ҷинс ва жанрҳои адабӣ;

–Муайян кардани осори адабии марбут ба шахсияти Темурмалик аз назари замон ва макони таълиф;

–Баррасии ҷойгоҳи осори таърихии асримиёнагӣ ба унвони сарчашмаҳои муътамади осори бадеӣ;

– Муайян кардани мақоми очерки таърихии "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик"-и устод Садриддин Айнӣ дар рушди насри таърихӣ ва таҳаввули образи Темурмалик;

– Баррасии коркарди бадеии симои Темурмалик дар осори ҳамосӣ, гиноӣ ва драмавии тоҷик;

–Муаррифӣ ва таҳқиқи осори адибони ҷаҳон, ки қаҳрамони марказиашон Темурмалик аст;

–Ба муомилоти илмӣ кашидани хусусиятҳои ғоявӣ ва бадеиву услубии осори таърихии марбут ба шахсияти Темурмалик.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Бобоҷонова М.Ҳ. таҳти унвони «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик» (дар мисоли образи Темурмалик) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии КОА Вазорати маориф ва илми ФР нашр шудаанд. Дар заминаи мавзӯъ дар силсилаи конференсияҳои донишгоҳӣ (солҳои 2018-2020) маърӯза ва гузоришҳои илмӣ баён шудаанд. Автореферат ва мақолаҳои дар ин замина нашршуда ба мундариҷаи диссертатсия мутобиқанд.

1) **Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

1. Бобоҷонова, Мадина. Тасвири фоҷеаи Темурмалик дар «Садди Сайҳун»-и Муҳиддин Хоҷазод [мақола] / М. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Бахши адабиётшиносӣ. –Душанбе: 2018. - № 1 (73), – С.163-170.

2. Бобоҷонова, Мадина. Хиёнат ва шуҷоат дар драмаи "Тилисми Сайҳун"-и Меҳмон Бахтӣ [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои филологӣ. Адабиётшиносӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018 - №3 (56).- С. 81-88

3. Бобоҷонова, Мадина. Таърих ва воқеият дар драмаи «Темурмалик»-и Сотим Улуғзода [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои филологӣ. Адабиётшиносӣ. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. - №4 (57). –С. 92-99.

4. Бобоҷонова, Мадина. Темурмалик дар достонҳои лирикии адабиёти тоҷик. [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои филологӣ. Адабиётшиносӣ.- Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. - №1. (62) – С. 115-122.

## II) Асарҳои дигар дар маҷалла ва маҷмӯаҳои илмӣ:

5. Бобоҷонова М. Симои Темурмалики қаҳрамон аз дидгоҳи устод Садриддин Айнӣ / М. Бобоҷонова // Уфуқи андешаҳо (маҷмӯаи мақолаҳои олимони ҷавон ва магистрантон бахшида ба Рӯзи ҷавонон ва 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Хуҷанд: 2016. - С.66-74.

6. Бобоҷонова М. Тимсоли таърихии Темурмалик дар повести «Қалъаҷанг»-и Маҷиди Салим / М. Бобоҷонова // Раҳоварди олимони ҷавон. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. –С. 53-62.

7. Бобоҷонова М. Тимсоли Темурмалик дар адабиёти тоҷик / М. Бобоҷонова М. // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявии "Мавқеи ҷавонон дар рушди илм" (Хуҷанд,. 22 майи 2017). –Хуҷанд: Нури маърифат, 2017. - С. 180-185.

8. Бобоҷонова М. Симои таърихии Темурмалики қаҳрамон дар китоби "Темурмалик"-и Маҷид Салим / М. Бобоҷонова // Ҷавонон-пайрави Эмомалӣ Раҳмон (Силсилаи мақолаҳои олимони ҷавони Тоҷикистон оид ба ҳидояту дастурҳои Пешвои миллат дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон). – Душанбе: ЭР-граф, 2017. – С. 88-99.

9. Бобоҷонова М. Ҷусторҳои Садриддин Айнӣ оид ба Темурмалики Хуҷандӣ // Садриддин Айнӣ ва масъалаҳои рушди адабиёти навини тоҷик. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.–С. 73-77.

10. Тасвири бадеии корномаи Темурмалик дар "Садди Сайҳун"-и Муҳиддин Хоҷазод Раҳоварди олимони ҷавон [Маводи конференсия олимон ва муҳаққиқони ҷавони донишгоҳ-2018].–Хуҷанд: Нури маърифат, 2019. - С.147-157.

11. Бободжонова М.Х. Некоторые размышления о стихотворении Фарзоны "Прощание Темурмалика" / М.Х. Бободжонова [Международный научный журнал]. – Белград: Агенство перспективных научных исследований, 2019. -№3 (3). – С. 39-42.

12. Бободжонова М.Х. Отражение образа Темурмалика в узбекской литературе- [Миркарим Осим и его рассказ "Темурмалик"]. – г. Белград: Агенство перспективных научных исследований, 28 декабр, 2019. [Материалы международной научной конференции «Человек, экономика, общество: грани взаимодействия"] – С. 11-13.

13. Бобоҷонова М.Ҳ. Тасвири корномаи Темурмалик дар достони Сарбоз. / М. Бобоҷонова // Уфуқи андешаҳо [Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон]. – Хуҷанд: Ношир, 2020. - С.45-50.

Рисолаи номзадии Бобоҷонова М.Ҳ. тадқиқоти комил ва анҷомёфта буда, аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдор аст. Унвонҷӯ кори дорои арзишҳои муҳими пажӯҳиширо ба сомон расонидааст, ки ба забони хуби илмию назариявӣ таълиф гардида, барои муҳокима ва тавсия ба дифоъ

пешниҳод мешавад. Дар маҷмӯъ диссертатсияи Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик» (дар мисоли образи Темурмалик) дар сатҳи хуби илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи таълифи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ мебошад.

Кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” диссертатсияи Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновнаро таҳти унвони «Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик» (дар мисоли образи Темурмалик) -ро кори анҷомёфта шуморида, онро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар
Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 16 нафар, “зид” – 0, «бетараф» – 0
Қарори №3 аз 9-уми октябри соли 2020

**Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, доктори илмҳои филологӣ, профессор** **Ӯлмасова З.Ҳ.**

**Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,**
**Тел: +(992) 92 7714470**
**E-mail: zamira_ulmasova @mail.ru**

**Котиби ҷаласа муаллимаи кафедраи адабиёти муосири тоҷик** **Шукурова З.Т.**

**Имзои Ӯлмасова З.Ҳ. ва Шукурова З.Т.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори Раёсати кадрҳои МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров”** **Ашрапова З.Н.**

**Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.**
**тел:+(992)927388887**
**E-mail: ddhkadr@mail.ru**

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
____________________
«___» ____________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик дар кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» ба анҷом расидааст.

**Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновна** соли 2011 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуровро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, аз соли 2016 то 2018 ба ҳайси аспиранти кафедраи адабиёти муосири тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» фаъолият намудааст.

Роҳбари илмии Бобоҷонова Мадина доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи адабиёти муосири тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» **Матлубаи Мирзоюнус** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров санаи 25.02.2016 бо қарори№8 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Бобоҷонова Мадина 24-уми ноябри соли 2020 шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Омӯзишу таҳқиқи осори таърихию адабӣ заминаҳои худшиносӣ ва худогоҳии миллиро тақвият мебахшад, зеро ҳофизаи таърихии халқ, пеш аз ҳама, дар мероси фарҳангию ҳунарӣ инъикос ва ҳифз мегардад. Аз ин лиҳоз, дар иртибот бо гузаштаи таърихӣ, анъана ва суннатҳои миллӣ, дастовардҳои фарҳангӣ ва арзишҳои маънавӣ омӯхтани мероси илмиву адабӣ, ошноӣ бо кору пайкори шахсиятҳои таърихӣ ва бо чашми ибратҷӯ нигаристан ва баҳра бардоштан аз ин мерос пайвандҳои маънавии инсонро бо гузашта ва оянда таъмин месозад.

Маърифати бадеии таърих ва баҳрабардорӣ аз сабақҳои он барои равшан гардидани роҳиояндаи халқ, ташаккули ҳувият, ифтихори миллӣ, худшиносию худогоҳӣ нақши муҳим мегузорад. Дар адабиёти тоҷик тавассути симоҳои дурахшони ҳунарӣ ва шахсони барҷастаи воқеии таърихӣ, мубоpизони роҳи озодию истиқлолияти халқ, адибону равшанфикрон ва арбоби илму фарҳанг офаридани осори бадеӣ яке аз муҳимтарин равандҳои рушди насри муосирро ташкил додааст. Тасвири симоҳои таърихӣ, аз он ҷумла шоирон Рӯдакӣ, Робиаи Балхӣ, Маҳастӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Хайём, Камоли Хуҷандӣ, Туғрал, шоҳону вазирон Исмоили Сомонӣ, Балъамӣ, мубоpизони шуҷоъ ва шӯришгарони халқӣ Ибни Муқаннаъ, Абӯмуслим, Темурмалик, Восеъ ва дигарон таъсирбахшӣ ва ҷанбаи воқеии асари адабиро тақвият бахшида, моҳияти маърифатӣ доранд, зеро ин образҳо барои дарки моҳияти воқеии ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои дирӯзу имрӯз мусоидат намуда, барои боварибахш, дақиқ ва ҳаматарафа тасвир ёфтани ғояи асар кӯмак мекунанд. Дар асоси ин далелҳо мавриди таҳқиқ қарор додани мавзӯи диссертатсионии мавриди назар барои дарки масъалаҳои маърифати таърихӣ, иртиботи воқеияти таърихӣ ва тахайюли бадеӣ дар офариниши симои шахсиятҳои таърихӣ, мақому ҷойгоҳи шахс дар раванди дигаргуниҳои таърихӣ, дараҷаи инъикоси симои шахсиятҳои таърихӣ дар адабиёти бадеӣ кори диссертатсионии **муҳим** мебошад.

Азбаски масъалаи инъикоси бадеии симои шахсияти таърихӣ хеле муҳим аст, муаллифи рисола тасмим гирифтааст, ки роҷеъ ба арзиши ин

образҳо ва рушди он дар адабиёти муосир дар мисоли таҳаввули симои Темурмалик дар адабиёт кори илмӣ-таҳқиқӣ анҷом диҳад ва бурду бохти адибонро муайян кунад. Як сабаби руҷӯъ ба ин мавзӯъ он аст, ки агар ин шахсияти таърихӣ ҳанӯз аз садаи X1V таваҷҷуҳи аҳли илму адабро ба худ кашида ва аз ин пас на танҳо дар адабиёти тоҷик, балки дар адабиёти халқҳои дигар низ аз образҳои шахсияти ормонии муборизи Ватан гардида бошад, аз ҷониби дигар, зиёда аз бист асар, ки дар ин мавзӯъ офарида шуд, дар ҷинсу анвои гуногуни адабӣ рӯйи кор омад ва ҳар кадом вежагии хоси худро дошт. Ин ҳама аз моҳияти мавзӯъ шаҳодат медиҳад ва барои пажӯҳиш, таҳлил ва натиҷагирӣ имкони хуб фароҳам меорад.

**Ҳадафи аслии таҳқикро** пеш аз ҳама коркарди бадеии симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик ташкил дода, ин масъала дар мисоли образи Темурмалик мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия масъалаҳои арзиши образи бадеии таърихӣ ва рушди он дар адабиёти муосир, офариниши симои адибони номвар, симои мардони мубориз дар адабиёти тоҷик, дараҷаи инъикоси образи Темурмалик дар адабиёти бадеӣ, арзиш ва вижагиҳои осори адабию бадеии марбут ба Темурмалик, дараҷаи баҳрабардории шоирону нависандагон аз корномаҳои Темурмалик ва инъикоси он дар адабиёт бунёди пажуҳишро ташкил додааст.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– баррасии заминаҳои пайдоиш ва ташаккули симои бадеии шахсиятҳои таърихӣ дар адабиёти тоҷик;

– муайян намудани арзиши образҳои бадеии таърихӣ ва таъсири он ба рушди адабиёти бадеӣ;

– муайян намудани заминаҳои фикрии нависандагон ва асноду далелҳои таърихӣ дар офаридани симои бадеии шахсиятҳои таърихӣ;

– таҳқиқи симои бадеии Темурмалик дар осори ҳамосӣ, ғиноӣ ва драмавии тоҷик;
– таъйини арзиши адабии осори адабиёти ҷаҳон дар офаридани симои бадеии Темурмалик.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** достони Муставфии Қазвинӣ, очеркҳои таърихии Садриддин Айнӣ, осори мансури адибони тоҷик Маҷиди Салим, Додохони Эгамзод, драмаҳои Сотим Улуғзода, Муҳиддин Хоҷазод, Меҳмон Бахтӣ, достони Ҳақназар Ғоиб ва ашъори лирикии шоирони тоҷик Нурмуҳаммад Ниёзӣ, Озод Аминзода, Аҳмадҷони Раҳматзод, Фарзона, инчунин сонетҳои адиби англис Фелина Мемо, романи нависандаи ўзбек Мирмуҳсин, романи нависандаи эронӣ Қозӣ Неъматуллоҳи Шикеб, достони адиби эронӣ Мирмаҳдии Мӯбад, ҳикояи Миркарим Осим мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили М.Бахтин, Л.Я. Гинзбург, З.Г. Османова, Ю.И. Суровсев, М. Шукуров, А.Сайфуллоев, Х. Шарифов, Н. Салимӣ, А. Набавӣ, М. Раҷабӣ, М.Мирзоюнус, Ш. Солеҳов, А. Муллоев, таърихнигорон Б. Ғафуров, Н.Турсунов, Л.Бойматов ва дигарон ташкил медиҳад. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз усули таҳқиқи муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ ва оморӣ истифода карда, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Навоварии таҳқиқ.** Дар диссертатсия аввалин маротиба дар адабиётшиносии тоҷик масъалаи коркарди бадеии симои шахсияти таърихии Темурмалик, таҳаввули образ ва таҷассуми он дар ҳикояву очерк, повесту роман, шеъру достон ва осори драмавӣ сурат гирифтааст. Муаллиф таҳаввули образи бадеии шахсияти таърихӣ, мақом, арзишу аҳамият ва ҷойгоҳи осори бадеии марбут ба корнамоиҳои Темурмаликро дар қиёс бо осори таърихӣ дар заминаи ҷинсҳо ва анвои мухталифи

адабӣ, ғояи адабӣ ва сабки нигориши онҳо муайян намудааст.

Диссертатсияи номзадии Бобоҷонова Мадина аз чанд ҷониб аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки муаллиф заминаҳо ва назарияи табдил ёфтани симои шахсияти воқеиро ба образи бадеӣ ва таносуби воқеияти таърихиро дар заминаи таҷассуми бадеии он таҳқиқ намудааст.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Бобоҷонова М. дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои диссертатсияро метавон барои навиштани асарҳои ҷомеи таърихи адабиёти тоҷики садаи XX истифода намуд. Ҳамзамон, маводи диссертатсия дар ҷараёни таҳияи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олӣ, миёна ва миёнаи махсус, таълими фанни «Таърихи адабиёти муосири тоҷик» дар факултетҳои филологӣ, таълифи асарҳои илмию таҳқиқӣ ва рисолаҳои хатму магистрӣ истифода бурда мумкин аст.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Бобоҷонова, Мадина. Тасвири фоҷеаи Темурмалик дар «Садди Сайҳун»-и Муҳиддин Хоҷазод [мақола] / М. Бобоҷонова // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2018. – № 1 (73). – С.163-170.

[2-М]. Бобоҷонова, Мадина. Хиёнат ва шуҷоат дар драмаи «Тилисми Сайҳун»-и Меҳмон Бахтӣ [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. –№3 (56). – С. 81-88

[3-М]. Бобоҷонова, Мадина. Таърих ва воқеият дар драмаи «Темурмалик»-и Сотим Улуғзода [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018. –№4 (57). –С. 92-99.

[4-М]. Бобоҷонова, Мадина. Темурмалик дар достонҳои лирикии адабиёти тоҷик. [мақола] / М. Бобоҷонова // Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – №1.(62) – С. 115-122

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Бобоҷонова Мадина Ҳайдарҷоновнаро** дар мавзӯи **«Таҳаввули симои шахсияти таърихӣ дар адабиёти тоҷик (дар мисоли образи Темурмалик)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №8 аз 24.11.2020.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
«25» ноябри соли 2020.